ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРАВИТЕЛЬСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Вазоратҳои адлия, молия, нақлиёт, кишоварзӣ, маориф, мелиоратсия ва захираҳои об, тандурустӣ, энергетика ва саноат, кумитаҳои давлатии заминсозӣ ва геодезӣ, сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, кумитаҳои ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании, ҳифзи муҳити зист, телевизион ва радио, Саридораи геология, Академияи илмҳо, Котиботи генералии ҳилоли Аҳмар

Барои маълумот ва корбарӣ.

Ба Ибодзода Х.

М. Алимардон

№ 28213 (19-2)

«21» ______ 2012

---


КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КОМИТЕТ ПО ЧРЕЗВЫЧАЙНЫМ СИТУАЦИЯМ И ГРАЖДАНСКОЙ ОБОРОНЕ ПРИ ПРАВИТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

734013. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Лоҳутӣ 26. Тел. : 227-88-44, Факс: 221-13-31 Эл. почта: najot @rs.tj. Веб-сайт: www. khf. tj

734013. Республика Таджикистан, г Душанбе ул. Лохутӣ 26. Тел. : 227-88-44, Факс: 221-13-31 Эл. почта: najot @rs.tj. Веб-сайт: www. khf. tj


№ 8/1-669 аз «16» ______ с. 2012

Ба № 28213 (19-2) аз 21.05.2012с.

Ба муовини Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муродалӣ Алимардон

Мӯҳтарам Муродалӣ Алимардон!

Ба маълумоти Шумо мерасонем, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012 №98 «Дар бораи таъсиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ» рӯзи 25 майи соли 2012 дар толори Маркази идоракунии Кумита маҷлиси нахустини Платформаи миллӣ баргузор гардид.

Дар рафти маҷлис нақшаи кории Платформаи миллӣ барои соли 2012 ва таъсисдиҳии ҳайати гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар робита, лоиҳаҳои Протоколи маҷлис, нақшаи корӣ ва ҳайати гурӯҳи доимоамалкунандаро барои тасдиқ намудан пешниҳод менамоем.

Замима: дар ҳаҷми 5 (панҷ) варақ.

Бо эҳтиром,

Раис Х. Абдураҳимов

Иҷрокунанда: н-к Камолов Ҷ.
тел: 221-87-42;

Протоколи
мачлиси якуми Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

25 майи соли 2012 №____ ш. Душанбе

Раисикунанда: раиси Платформаи миллӣ М.Алимардон

Иштирок намуданд: Абдураҳимов Х.С. (муовини аввали раиси Платформаи миллӣ), Ибодзода Х. (муовини раиси Платформаи миллӣ), Камолов Ҷ.Ҷ. (котиби масъули Платформаи миллӣ), Маҳмадуллоев Х. А., Исмонов Ф. Б., Мирзоев А.С., Ҳасанов Ҳ.У., Нозиров Ҳ., Маҳмадалиев А.Ғ., Мамаҷонов Ю.М., Мирова Д.С., Неъматуллоев С.Ҳ., Зуҳуров Б. (намояндаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), Соҳибов Л. (намояндаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон), Муминова Б. (намояндаи Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), Саидов М. (намояндаи Кумитаи заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ба ҳайси нозирон иштирок намуданд: Павел Урсу, (ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ), Николя Гигас (дафтари Швейтсария оид ба ҳамкориҳо), Шаҳло Раҳимова (Барномаи рушди СММ).

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Ҳадафҳои Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ.
2. Баррасӣ намудани нақшаи кории Платформаи миллӣ барои соли 2012.
3. Баррасӣ намудани масъалаи таъсис додани гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ.
4. Вазифаҳо ва ташкили кори Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ.
5. Дигар масъалаҳо

ШУНИДА ШУД:

Маҷлиси якуми Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табииро раиси Платформаи миллӣ – муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Алимардон ифтитоҳ бахшида, мақсаду вазифаҳои Платформаи миллиро тавсиф дод.

БАРОМАД НАМУДАНД:

Аз рӯи масъалаи якум Раиси Платформаи миллӣ М.Алимардон баромад намуд. Қайд намуданд, ки дар ҳудуди Тоҷикистон, ки анқариб 20 намуди ходисаҳои табиии хатарнок мушоҳида мегардад. Аз инҳо аз ҳама осебпазир обхезиҳо, селҳо, ярчҳо ва заминларзаҳо мебошанд. Дар давоми сол дар кишвари мо 150-180 ҳодисаҳои хатарноки дорои хусусияти табиӣ ба қайд гирифта мешаванд. Дар ин асно, масъалаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва пешгирии онҳоро масъалаи аввалиндарача ҳисобиданд.

Таъкид намуданд, ки дар чаҳорчӯбаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ Платформаи миллӣ имкониятҳо барои муҳокима ва ворид намудани саҳмгузорӣ дар раванди паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ба ҷамъияти шаҳрвандӣ, махсусан, ташкилотҳои ғайридавлатӣ фароҳам оварда, бо ҷалби ташкилотҳои байналхалқӣ ва донорҳо як қатор лоиҳаҳо баҳри паст кардани хавфи офатҳои табиӣ бояд сармоягузорӣ карда шаванд.

Аз ин хотир, гузаронидани инвентаразатсияи лоиҳаҳои инвеститсиониро зарур донистa, вазорату идораҳоро ҷиҳати муайян намудани номгӯи хатарҳо ва иншоотҳои эҳтимолан хатарнок вазифагузорӣ намуданд.

Аз рӯи масъалаи дуюм муовини якуми раиси Платформаи миллӣ Абдураҳимов Х.С. баромад намуд. Таъкид намуданд, ки дар оянда аъзоёни Платформаи миллӣ шахсан дар маҷлисҳои он иштирок намоянд.

Ба ҳозирин номгӯи чорабиниҳоро барои ворид намудан ба лоиҳаи нақша чорабиниҳо пешниҳод намуда, аъзоёни Платформаи миллӣ дар якҷоягӣ онҳоро баррасӣ намуданд. Таклифу пешниҳодоти мушаххас ба инобат гирифта шуданд.

Аз рӯи масъалаи сеюм котиби масъули Платформаи миллӣ Камолов Ҷ.Ҷ. баромад намуда, аз рӯи таклифҳои аъзоён пешниҳод намуд, ки аз ҳисоби аъзоёни Платформаи миллӣ номзадҳо ба гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ шомил карда шаванд.

Маҷлиси Платформаи миллӣ масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, лозим донист, ки ба гурӯҳи мазкур (5-6 нафар) аз ҳисоби вазорату идораҳои дахлдор номзадҳо пешниҳод гарданд.

Аз рӯи масъалаи чорум котиби масъули Платформаи миллӣ Камолов Ҷ.Ҷ. оид ба вазифаҳо ва ташкили кори платформаи миллӣ баромад намуд.

ДАР МУҲОКИМАҲО ИШТИРОК НАМУДАНД: Маҳмадалиев А.Ғ., Мирзоев А.С., Неъматуллоев С.Н., Раҳимова Ш., Гигас Н..

Дар охир, раиси Платформаи миллӣ М. Алимардон таваҷҷӯҳи аъзоёнро ба масъалаи иҷрои чорабиниҳои «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хатари офатҳо барои солҳои 2010-2015» ҷалб намуда, вазорату идораҳои дахлдорро ҷиҳати пешниҳоди лоиҳаҳо, ки ба масъалаҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ равона шудаанд, вазифадор намуд.

Баъд аз баромади раиси Платформаи миллӣ ва котиботи Платформаи миллӣ ва муҳокимаҳо маҷлис қ а р о р қабул кард:

1. Нақшаи кори Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои соли 2012 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ҳайати гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
3. Вазорату идораҳо ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот оид ба иҷрои Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хатари офатҳои табиӣ то 1 августи соли 2012 пешниҳод намоянд.
4. Вазорату идораҳо то 15 июни соли 2012 маълумотро дар бораи рӯйхати иншоотҳои эҳтимолан хатарнок ва номгӯи хатарҳои рух додани ҳолатҳои фавқулоддаи эҳтимолиро ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.
5. Вазорату идораҳо лоиҳаҳои худро, ки ба масъалаҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ равона шудаанд ва маблағгузории ташкилотҳои байналхалқиро талаб менамоянд, то 1 августи соли 2012 ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.
6. Вазорату идораҳо пешниҳодоти худро барои баррасии маҷлисҳои Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ, ки барои дохил намудан ба рӯзномаи маҷлиси Платформаи миллӣ заруранд, то 15 июли соли 2012 ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Раиси Платформаи миллӣ оид ба
паст кардани хавфи офатҳои табиӣ М. Алимардон

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

Муродалӣ Алимардон

«21» «06» соли 2012

## Нақшаи кори
## Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои соли 2012

| р/т | Номгӯи масъалаҳое, ки дар ҷаласа баррасӣ мегарданд | Масъулин | Мӯҳлати баргузорӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | Баррасӣ ва тасдиқ намудани нақшаи кории Платформаи миллӣ барои соли 2012 | Котиботи Платформаи миллӣ | Май 2012 | |
| 1.1 | Баррасии масъалаи таъсис додани гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Котиботи Платформаи миллӣ | Май 2012 | |
| 2 | Рафти иҷрои Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хатари офатҳо барои солҳои 2010-2015 | Котиботи Платформаи миллӣ | Август 2012 | |
| 2.1 | Тасдиқ намудани нақшаи кори котиботи Платформаи миллӣ барои солҳои 2012-2014 | Котиботи Платформаи миллӣ | Август 2012 | |
| 3 | Баррасӣ ва тасдиқ намудани нақш ва ӯҳдадориҳои аъзои Платформаи миллӣ | Котиботи Платформаи миллӣ | Ноябрь 2012 | |
| 4 | Баррасии Дастур оид ба барқарорсозӣ баъд аз офатҳои табиӣ | Котиботи Платформаи миллӣ | Ноябрь 2012 | |

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

Муродалӣ Алимардон

«21» «06» соли 2012

**Ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ.**

Ибодзода Х., мудири шӯъбаи экология ва ҳолатҳои фавқулодаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Роҳбари гурӯҳ);

Зоиров А.М., муовини Вазири мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Бобоназаров Ш.Ҷ., муовини Раиси Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Наҷмиддинов А.Ю., муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Маҳмадалиев А.Ғ., муовини Сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Мамаҷонов Ю.М., директори Институти геология, сохтмони ба зилзила тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Камолов Ҷ.Ҷ., сардори Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.